**СУРАТМАҶЛИСИ № 3**

кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 12 октябри соли 2022

Иштирок доштанд:
аъзоёни кафедра,
меҳмонон ва намоянда
аз садорати факултет

Мудири кафедра, дотсент Элмуродова Садбарг Худойназаровна ҷаласаи кафедраро оғоз намуда, тасдиқи рӯзномаро пешниҳод намуд:Зид - нест, бетараф - нест, тарафдор - ҳама.

**РӮЗНОМА**

1.Муҳокимаи диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Унвонҷӯи кафедра Носирова М.Н. оид ба мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсияи хеш дар кафедра бо презентатсия баромад намуд. Баъди шунидани маърӯза, оид ба мавзӯи рисола саволу ҷавоби иштирокчиён баргузор гардид. Дар музокираи рисолаи унвонҷӯ д.и.п., профессор Шаропов Ш.А. ва д.и.п., профессор Файзиев И.Д., ки ҳузур доштанд, тарафҳои мусбии кори диссертатсионӣ ва самаранокии таҳқиқоти мазкурро зоҳир намуданд. Дар қатори ҷиҳатҳои мусбии кори илмӣ, профессорон бо мақсади бештар намудани сифати кори илмӣ якчанд фикру ақидаҳои хешро дар хусуси ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар замони муосир низ арзонӣ доштанд, ки онҳо барои

манфиати кори илмӣ равона шуда буд. Унвонҷӯ онҳоро ба худ қайд намуда, дар оянда ба инобат хоҳад гирифт.

## ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:

1. Диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти ба итмомрасида буда, кулли хусусиятҳои рисоларо инъикос менамояд.

2. Кори диссертатсионии мазкур барои қабул ва ташхис ба Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус пешниҳод карда шавад.

Н.и.п., дотсент, мудири кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров" Элмуродова С.Х.

Котиби ҷаласаи кафедра
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Ғафорова С.П.